*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №23 (2850) | ШАНБЕ, 25 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
| --- | --- | --- | --- | --- |

## Баррасии масоили ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон дар ҳузури Эмомалӣ Раҳмон



**22 феврали соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон муовини якуми Сарвазири Ӯзбекистон, вазири молияи ин кишвар Рустам Азимовро, ки барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба муайян кардани хати сарҳади давлатии ду кишвар ба Душанбе ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба муайяну мушаххас намудани хати сарҳади давлатии миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар қитъаҳои баҳсноки он баррасӣ шуд.

Зимни сӯҳбат ҳамчунин доир ба маҷмӯи масоили дигари вобаста ба муносиботи ҳамсоягӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвар гуфтугӯ сурат гирифт.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки тамоми масоили баҳсноки мавҷуда дар асоси ҳусни ҳамсоягӣ ва муносиботи дӯстии бисёрасраи ду миллати бародар ҳалли мусбии худро меёбанд.

*www.prezident.tj*

●Ба истиқболи 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум

## Бист соли вафо ба аҳд



Соли равон мардуми ватани соҳибистиқлоли мо санаи бузурги таърихӣ - 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки поягузори оромии сиёсӣ ва рушди босуботи давлати тоҷикон ба ҳисоб меравад, ҷашн хоҳанд гирифт.

Ин ҷо баъзе хотироти худро ҳамчун иштирокчии иҷлосияи мазкур ба хонандагони арҷманди рӯзнома баён менамоям, зеро ёдоварӣ аз таърихи гузашта, дарси беҳтарини пешгирӣ аз нобасомониҳо дар оянда мебошад.

Барои ба эътидол овардани вазъи ногувори дар кишвар баамаломада, дар моҳи ноябри соли 1992 мақомоти қонунгузори ҷумҳурӣ ба хулоса омад, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Қасри Арбоби хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхӯҷаеви ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Ленинобод (алҳол Суғд) баргузор намояд. Хушбахтона, иҷлосияи мазкур ба таърихи навини давлатдории тоҷикон ҳамчун иҷлосияи сарнавиштсоз ворид гардид.

Дар ин иҷлосия ман ҳамчун сардори идораи молияи вилоят ва иловатан вазифаи муовини раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Ленинободро оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ба ӯҳда доштам, ширкат варзидам.

Ҳамаи қарорҳои дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида бобати заминагузорӣ ба имзои Созишномаи сулҳу ваҳдат дар кишвар муҳим бошанд ҳам, интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амали бениҳоят оқилонаи вакилон бояд шумурд. Зеро тавассути ин қарори иҷлосияи таърихӣ ба арсаи сиёсат ва давлатдории тоҷикон чеҳраи нави сиёсӣ, шахсияти оқилу хирадманд ва дурандешу ғамхори беназири халқу миллат ворид гардид.

Ҳанӯз он солҳо дарк мешуд, ки Эмомалӣ Раҳмон аз дақиқаҳои аввалини ба мансаби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданаш роҳҳои муттаҳидкунии мардумони тамоми гӯшаю канори мамлакат, аз вартаи бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳар чӣ тезтар раҳоӣ додани кишвар ва хотима додани тамоми зуҳуроти ҷудоиандозию маҳалгаройиро ҷустуҷӯ мекард.

Ҳамагон шоҳиди онанд, ки дар тӯли 20 сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини тинҷию осоиштагии мардуми кишвар, дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯю нуфузи давлати тоҷикон чӣ қадар заҳмат кашидааст ва ин давраро, бешак бист соли вафо ба аҳд номидан мумкин аст.

Мо набояд фаромӯш созем, ки ин марди нексиришт бо мақсади пурра амалӣ гардонидани қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ва ба даст овардани сулҳу оштии миллии кишвар мувофиқи ваъдаҳои дар иҷлосия додааш, ҷони худро борҳо зери хатар гузоштааст. Тӯли солҳои 1992-1997 Сардори давлатамон Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба барои вохӯрӣ бо мухолифин ба давлати ҳамсоя – Афғонистон ва дигар минтақаҳои он замон хавфноки ҷумҳурӣ сафар карда, дар ҳама ҳолат сабру таҳаммулро пеша сохта ва ба хотири оромии сиёсии мамлакат гузашти зиёд намуд. Натиҷаи роҳбарии хирадмандонаи Президенти мамлакат буд, ки тоҷикон ба имзои Созишномаи сулҳ муваффақ гардиданд.

Ҳукуматдорони вилояти Суғд (онвақта Ленинобод) вазифадор буданд, ки барои иштирокчиён тамоми шароити лозимиро муҳайё гардонида, кафили амнияту бехатарии депутатҳо ва дигар иштирокдорони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳанӯз рӯзҳои баргузории иҷлосия як қатор намояндагони мухолифин ва тарафдорони онҳо низ ҳис мекарданд, ки одамкушию хунрезӣ ва хонасӯзиҳои бемаънӣ ба ягон талаботи демократию ошкорбаёнӣ мувофиқ намеоянд, ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои гуногун танҳо бо роҳи мубоҳисаҳои сиёсӣ ва дигаргунсозиҳои иқтисодии беҳдошти зиндагии мардумро таъминкунанда, имконпазир аст.

**(Идома дар саҳ. 2)**

●Татбиқи лоиҳа

## Ҳеҷ иқдоме дар нимароҳ нахоҳад монд

**Идома ёфтани сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаихумб (қитъаи Шӯрообод – Шоҳон) далели собитқадам будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти раҳоии мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ аст**

Ҳанӯз аз нахустин рӯзҳои давлатдории худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворechии кишварро аз ҷумлаи аҳдофи асосии Ҳукумати мамлакат шуморидааст ва то ин замон дар ин самт кори зиёд ба сомон расидааст. Яке аз лоиҳаҳое, ки ҷиҳати раҳоии ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ нақши муҳим дорад, сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаихумб маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз вазъи на чандон хуби молиявӣ, ҳанӯз соли 2007 бо ибтикори Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сохтмони ин шоҳроҳ оғоз гашта, дар муддати кӯтоҳ як қисми он, аз ҷумла ҳудуди Шоҳон-Зиғар, бо сифати ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ ба истифода дода шуд. Аз оғози татбиқи ин лоиҳа борҳо ба маҳалли сохтмон сафар кардаам, бинобар ин тасвири бунёдкориҳои дар ҷода амалигардида бароям душвор нест.



Ҷоиз ба зикр аст, ки дар татбиқи ҳар як тарҳу лоиҳа мутахассисони болаёқат ва худогоҳу меҳандӯст нақши бориз доранд. Директори иҷроияи Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи Шоҳон-Зиғар Исмонқул Шоқулов мутахассиси поквиҷдону ватандӯст аст. Мавсуф дар бахши роҳу роҳсозӣ шахси тасодуфӣ набуда, бевосита дар кураи ин соҳа обутоб ёфтааст. Бо сифати баланд анҷом ёфтани қитъаи Шоҳон-Зиғар, ки минтақаи нисбатан душвори роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаихумб маҳсуб меёфт, далели кордониву ташкилотчигии ӯст.

Маҳз фаъолияти пурмаҳсули роҳсозон зери роҳбарии ӯ буд, ки дар муддати кӯтоҳ «Девдара» ба «Гулдара» табдил ёфту дар минтақае, ки мардум чун «ашк дар сари мижгон» убураш менамуданд, роҳи ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ бунёд гардид.

Дар сӯҳбат Исмонқул Шоқулов шурӯъ гардидани сохтмонро дар минтақаи Шӯрообод-Шоҳон боз як далели собитқадам будани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ арзёбӣ намуд. Оғози бунёди ин қисмати роҳ бори дигар сиёсати бунёдкоронаву хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро собит намуд ва баёнгари он аст, ки ягон иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба нафъи миллату меҳан нигаронида шудааст, дар нимароҳ нахоҳад монд,- мегӯяд Исмонқул Шоқулов.

29 декабри соли гузашта миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати муштараки Комбайнд Груп Контрактинг ва Текар Техник Арастирма Лимитед Компани (Кувейт + Туркия), ки пудратчии ин лоиҳа маҳсуб меёбад, шартнома ба имзо расид. Дар ҳамин радиф, барои хизматрасонии машваратӣ ба лоиҳа Ширкати муштараки «Ал-Абдулҳодӣ – Инжиниринг, Консултантс + Спектрум Инжиниринг Консултантс бо Ширкати «Автострада»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордод ба имзо расониданд. Дар доираи ин қарордод айни замон чор машваратчии хориҷиву панҷ машваратчии маҳаллӣ раванди сохтмонро назорат мебаранд. Маблағи умумии лоиҳаи фавқуззикр 92,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, маблағгузории онро Бонки Исломии Рушд дар ҳаҷми 20 миллион доллари ИМА, Хазинаи Кувейтии Рушди Иқтисодии Араб дар ҳаҷми 17 миллион доллари ИМА, Хазинаи ОПЕК ба миқдори 13 миллион доллари ИМА, Хазинаи Рушди Саудӣ дар ҳаҷми 20 миллион доллари ИМА ва Хазинаи Абӯ-Дабӣ ба андозаи 15 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ хоҳанд кард. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин лоиҳа 7,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Зимни пурсиш бобати корҳои аз ҷониби пудратчӣ то ин замон басомонрасида иттилоъ гирифтем, ки аллакай баъзе таҷҳизоту мошинолоти роҳсозӣ ба маҳалли сохтмон оварда шудааст. Илова бар ин, ду хонаи сайёри дуошёна, ки барои зиндагии коргарон пешбинӣ гардидааст, аз Ҷумҳурии Туркия ба бошишгоҳ оварда шуда, ҳоло насби он идома дорад. Инчунин аз Ҷумҳурии Қирғизистон заводи хурди истеҳсоли бетон, се таҷҳизоти замонавии пармакунӣ, ду булдозери пуркувват ва ғайра рӯзҳои наздик ба маҳалли сохтмон ворид мешаванд. Барои бошишгоҳи сохтмончиён дар километри 27-уми роҳи Шӯрообод-Шоҳон қитъаи замин ҷудо шуда, айни замон дар мавзеи зикршуда тахту ҳамворкунӣ, насбу васли хонаҳои сайёр, бунёди утоқҳои корӣ аз ҷониби ҶДММ «Роҳсоз»-и шаҳри Кӯлоб босуръат идома дорад. Рӯзҳои наздик аз хориҷи кишвар техникаву таҷҳизоти дигаре, ки барои вусъат бахшидани сохтмон лозиманд, дастрас мегардад, – гуфт Исмонқул Шоқулов дар поёни сӯҳбат.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

●Бист сол бо Созмони Милали Муттаҳид

## Минбари баланд барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ

**Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид, ки мо дар арафаи 20 –умин солгарди ин санаи таърихӣ қарор дорем, аз зумраи он рӯйдодҳои тақдирсози миллатамон мебошад, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба даст омадааст.**

Авзои сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон, ки дар шароити басо мушкили баъди шӯравӣ қарор дошт, муташанниҷ гардида буд. Ноороміҳо, нодуруст фаҳмидани моҳияти истиқлолият ва кӯшишҳои ба сари қудрат омадани қувваҳои гуногуни сиёсӣ, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, имконият намедод, ки Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ислоҳот ва дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ даст занад.

Сарфи назар аз ин шароит, 2 марти соли 1992 дар ҷаласаи пленарии Иҷлосияи 46 Ассамблеяи Генералии СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари 7 давлати аъзои ИДМ - Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба аъзогии СММ пазируфта шуд.

Котиби генералии СММ Бутрос Гали дар маросими тантанавии баланд бардоштани байрақҳои миллии давлатҳои навузв ин рӯзро таърихӣ номид ва зикр намуд, ки: «Ин қадами навбатии муҳим дар роҳи расидан ба созмони умумӣ мебошад. Аз лаҳзаи таъсиси СММ шумораи аъзои он беш аз се маротиба афзуд. Ин раванд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамаи мамлакатҳо аъзошавиро ба ин созмон ҳамчун сатҳи муайяне дар рушди давлати озод ва мустақил арзёбӣ менамоянд».

Эмомалӣ Раҳмон дар мурочиати худ ба муносибати солгарди ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи марти соли 1993, ин рӯйдодро раванди босуръати эътирофи сиёсии давлати тозабунёди мо аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ арзёбӣ намуд.

Ҳамин тариқ, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ, ки бояд соли 1945 дар баробари се ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - Россия, Украина ва Беларусия сурат мегирифт, баъди 47 сол ба вуқӯъ пайваст. Ҳол он ки замони ба узвияти СММ пазируфта шудан аз таъсиси мақомоти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 48 сол сипарӣ гардида буд.

Тавре ки маълум аст, ҳанӯз 10-11 майи соли 1944 дар Сессияи Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати 1 Қонун «Дар хусуси таъсиси Комиссариати халқии мудофиа ва корҳои хориҷӣ» қабул гардид, ки тибқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди корҳои хориҷӣ таъсис шуд. Дар муҳокимаи масъалаи зикршуда ходимони сиёсӣ ва ҷамъиятии ҳамонвақтаи мамлакат - С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ ва Ҳодӣ Кенҷаев баромад намуда, таъсиси мақоми зикршударо табрик гуфтанд. Ин мақом аллакай то ба узвият ба СММ таҷрибаи ба амал баровардани ҳамкориҳои муайяни байнидавлатӣ ва ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалиро дошт ва дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта фаъолияти он хеле назаррас буд.

Бояд тазаккур дод, ки узвияти Тоҷикистон ба СММ барои давлати мо аҳамияти калони таърихию сиёсӣ дорад.

**Аввалан**, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки баробари дигар аъзои ин созмони бонуфуз дар фаъолияти он дар шароити баробарҳуқуқӣ, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва эътирофи миллӣ иштирок намуда, пеш аз ҳама мақсад ва вазифаҳои таърихии давлатро ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва таъриху фарҳанги халқи тоҷикро аз минбари ин созмони бонуфуз ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд. Таҷлили 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан, 1000- солагии шоири бузург Носири Хусрав, 3000- солагии китоби қадимтарини дини зардуштӣ -«Авесто», 2700- солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, Иди байналмилалӣ эълон шудани Наврӯз ва ғайра шаҳодати гуфтаҳои болоанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 48 Ассамблеяи Генералии СММ аввалин бор ба ҳайси Роҳбари давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол суханронӣ карда, зикр намуд, ки «мо бо нерӯҳои ҳар тамоюли сиёсӣ, ки аз рӯйи қонунҳои ҷорӣ амал мекунанду принсипҳои маъмули демократияро эҳтиром менамоянд, ҳамкории амалӣ карданием». Ҳамзамон Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро бо вазъи сиёсии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли қазияи он, вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон шинос кард.

**Дуюм**, узвият дар СММ ба Тоҷикистон имкон медиҳад манфиатҳои миллии худро дар қаринаи таҳкими манфиатҳои якпорчагӣ ва бехатарии саросарӣ ҳифз намуда, ба мақомот ва сохторҳои он бо таклифҳои мушаххас, ғояҳои созанда муроҷиат карда, аз имкониятҳои онҳо васеъ истифода барад. Нигаронӣ ва таклифу пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз минбари СММ ва дигар конференсияҳои байналмилалӣ, дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба об, истифодаи самаранокии он, ҳифзи пиряхҳо, мубориза ба муқобили паҳншавии маводи мухаддир ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**Сеюм**, ҳамгиройӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ дар доираи СММ ба ҳамкориҳои сиёсию иқтисодии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи сиёсию молиявӣ, муассисаҳои махсусгардонидашуда, барномаҳо ва фондҳои назди СММ шароити мусоид фароҳам овард. Дар соли 2011 ба маблағи 44 миллион доллар пиёда кардани лоиҳаҳо аз ҷониби Барномаи рушди СММ ва дар 10 соли охир аз ҷониби ҳамаи ниҳодҳои СММ дар Тоҷикистон дар ҳаҷми 600 миллион доллар татбиқ намудани барномаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ шаҳодати ҳамкории судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои он мебошад.

Нақши СММ дар мусоидат ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон низ хеле калон аст. Ниҳодҳои СММ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот робитаи мустақими корӣ баркарор намудаанд ва ҳиссаи онҳо дар ислоҳот, рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, такмили системаи қонунгузорӣ, суд, адлия, идоракунӣ ва хизмати давлатӣ, мубориза бар зидди коррупсия, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғайра назаррас мебошад.

Ҳамкориҳои судманд бо СММ ба суботи сиёсӣ, демократикунонии минбаъдаи авзои сиёсию ҷамъиятӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ мусоидат намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои умумии сиёсии Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, моҳи сентябри соли 1999, ба дастовардҳои асри XX дахл карда, зикр намуд, ки «яке аз дастовардҳои муҳимтарини асри XX-бунёди Созмони Милали Муттаҳид ва ба зиммаи он гузоштани маҷмӯи ҳуқуқҳо ва воситаҳои зарурие мебошад, ки ба ташкили фаъолияти дастаҷамъии давлатҳо барои муқовимат бо хавфу таҳдидҳои имрӯзаю оянда имкон медиҳад».

Нақши СММ дар ҳаёти имрӯзаи инсоният беш аз ҳарвақта меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд дар роҳи ҳифзи тартиботи ҷаҳонӣ ва манфиатҳои миллии худ аз ин минбари бонуфуз самаранок истифода намуда, ҷиҳати пешбарӣ ва иштирок дар ниҳодҳои он, ба монанди Шӯрои Амният, Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ, Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон, Суди байналмилалӣ ва дигарҳо фаъолона ширкат намояд.

***Карим КАРИМОВ, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ***

# Бист соли вафо ба аҳд



(Идома аз саҳ. 1)

Аз ин рӯ, баъзе шахсиятҳои ҳақиқатан демократияхоҳ бо зудӣ аз қувваҳои носолим алоқаашонро канда, ба меҳнати софдилонаю бунёдкорона баҳри таъмини осоиштагии кишвар машғул шуданд ва дар ин бобат мисолҳои зиёде овардан мумкин аст.

Хурсандиовар он аст, ки Сарвари давлати мо аз рӯзҳои аввали фаъолияти давлатдориашон ба масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбияи мутахассисони ҷавон, баланд бардоштани масъулияти кадрҳои роҳбарикунанда дар бобати иҷрои вазифаҳои хизматиашон диққати махсус медиҳанд, зеро ҳаёт борҳо исбот намудааст, ки омили асосии ҳама муваффақият дар тамоми соҳаҳо ин ҷорӣ намудани интизоми қатъӣ, дарки масъулият, доштани таҷрибаи кофии касбӣ ва муносибати беғаразонаю боинсофона дар иҷрои вазифа мебошад.

Дар рӯзҳои охирини кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интихоби кадрҳо маро Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон даъват намуда, номзадиамро ба ҳайси вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд ва бо ман сӯҳбати тӯлонӣ доштанд.

Ҳамчун инсон ва мутахассиси соҳаи молия барои ба чунин боварии Сарвари давлат сазовор гаштанам хурсанд будам, аммо танҳо бо сабаби он ки аз назди модари кӯҳансолам (рӯҳашон шод бод!) дур наравам, ин пешниҳодро қабул карда натавонистам. Вале ба мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ваъда додам, ки дар кадом мансабе кор кунам, барои устувории пояҳои давлатдорию рушди иқтисодии мамлакат ҳиссагузор хоҳам шуд ва шукрона, тӯли солҳои сипаригардида ҳамеша баҳри иҷрои ин қавли додашуда кӯшиш кардам.

Президенти кишвар ҳамеша дар баромадҳояшон ба хирадмандию заковати бузурги мардуми Хуҷанди бостонӣ ва тамоми сокинони вилояти Суғд (собиқ вилояти Ленинобод) бобати таъмини фаъолияти мӯътадили Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигаҳдории якпорчагии ҷумҳурӣ дар он солҳои пурталотум баҳои баланд медиҳанд ва ҳамаи шахсиятҳои ҷумҳуриро, сарфи назар аз маҳалли зисташон, ки дар пойдор гардидани пояҳои ҳукумати конститутсионӣ, рушду нумӯи иқтисоди кишвар ҳиссагузор шуданд, дар хотир нигоҳ медоранд ва қадршиносӣ менамоянд.

Имрӯзҳо ҳар як фарди солимфикр дарк менамояд, ки тахти роҳбарии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳри амалӣ гардонидани барномаҳои дигаргунсозиҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ тадбирҳои ниҳоят муҳим меандешанд.

Амалҳои азими ободонию бунёдкорӣ, аз қабили сохтмони нақбу кӯпрукҳо ва роҳҳои ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯй, идома ёфтани корҳо бобати бунёди нерӯгоҳҳои хурду бузург, алалхусус Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки иншооти бузурги аср ва кафолатдиҳандаи бадастоварии истиқлолияти пурраи энергетикии мамлакат мебошад, ҳамчунин афзоиши мунтазами хароҷоти буҷети давлатӣ барои маблағгузориҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ далели ин гуфтаҳо мебошад.

Ба хотир овардани онро зарур мешуморам, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ тӯли солҳои 1992-1993 тақрибан 60000 нафар қурбон ва бисёр шахсон беному нишон шуда буданд, зиёда аз 60000 нафар сокинони қисми ҷануби кишвар ба Афғонистон, 195000 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ муваққатан барои зист ба дигар давлатҳои ҳамсояи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гуреза шуданд.

Миқдори гурезаҳои дохилии мамлакат он солҳои мудҳиш қариб ба 1 млн. нафар расида, 35723 хонаи истиқоматӣ сӯхтаю вайрон гардид, 25000 занҳо бешавҳар, 53000 нафар кӯдакон бепарастор шуданд.

Дар натиҷаи ин ҷанги бемаънӣ 61 муассисаи табобатӣ, бисёр мактабу муассисаҳои соҳаи маориф, бонкҳо ва дигар нуқтаҳои тиҷоратию истеҳсолӣ ғорат шуда, ба нобудӣ расиданд.

Тибқи ҳисобҳои мавҷуда, зарари иқтисодии ҷанги мазкур ба давлат зиёда аз 10 млрд. долларои амрикоиро ташкил намуд, ки он баробар ба буҷети 31 -солаи ҳамон давраги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (он солҳо ҳаҷми умумии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол тақрибан ба 320 млн. доллари амрикоӣ баробар буд).

Дар солҳои 1992-1993 иқтисодиёти мамлакат пурра фалаҷ гардида, Тоҷикистон ба яке аз давлатҳои қашшоқтарини дунё табдил ёфта буд, ки ин ҳолат дар назди роҳбарияти нави сиёсии мамлакат хеле вазифаҳои мушкил, ҷиддию масъулиятнок гузошт.

Ёди он солҳо намуда, ҳамчун шоҳиди бевоситаи кори Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кардани онро зарур мешуморам, ки барқароркунии иқтисодиёти мамлакат, то ба сатҳи имрӯза оварда расонидани рушди иқтисодию иҷтимоии тамоми минтақаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол танҳо тавассути ҷасорату хирадмандии Сардори давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамдигарфаҳмию ҷонфидоии дигар фарзандони фарзонаи миллат ва сабру таҳаммули мардуми дурандеш ва соҳибфазилати давлати тоҷикон ба даст омадааст.

Боиси зикр аст, ки дар ҳалли ин муаммоҳо ба халқи кишвари мо дасти ёрии беғаразонаи хешро тамоми сохторҳои бонуфузи ҷомеаи ҷаҳонӣ – ташкилотҳои ҷамъиятии сулҳпарвар ва байналмилалии молиявӣ, давлатҳои ҳамсояи дуру наздик, дигар институтҳои байналмилалӣ расониданд, ки мардуми Тоҷикистон ҳамеша сипосгузори чунин некхоҳиҳо мебошад.

Беҳуда нест, ки дар Паёмҳои ҳарсолаи Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои сиёсати хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам зикр гардида, дар тӯли 20 соли Истиқлолияти давлатӣ мамлакати мо чунин тарзи муносибати байналмилалиро мунтазам эътироф ва қадрдонӣ менамояд.

Ҳадаф аз мисолҳои дар боло овардашуда он аст, ки кулли сокинони мамлакати мо бояд аз рӯзҳои мушкили солҳои 90-уми асри гузашта аниқтар бохабар гардида, аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бобати поягузорӣ ба Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дарк намоянд, зиракии сиёсиро баҳри боз ҳам мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории тоҷикон аз даст надода, мақсади аслии худро ҷиҳати ғановат бахшидан ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии мамлакат, дар асоси боз ҳам қавитар гардонидани равобити дӯстию ҳамдигарфаҳмии тамоми халқу миллатҳои минтақаҳои гуногуни кишвар, амалӣ гардонанд.

Таҷлили 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли равон дар саросари кишвари мо ботантана ҷашн гирифта мешавад ва ҷамъбасти ин тантанаҳо дар Қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар назар аст, бори дигар ба ҷаҳониён хиради азалии мардуми тоҷик, дурандешии сиёсию заковати бузурги фарзандони далеру шуҷои миллатро баҳри муттаҳид намудани тамоми қувваҳои солим ҷиҳати аз вартаи касодӣ халос намудани халқу давлат ва ба роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ нигаронидани мамлакат муаррифӣ хоҳад намуд.

***Карамулло ОДИЛОВ,***
***сардори Раёсати молияи шаҳри Чкалов, Корманди шоистаи Тоҷикистон***

Бонки марказии Федератсияи Россия дар сомонаи Интернетии худ ҳаҷми умумии маблағҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин кишвар интиқолгардидаро тӯли соли 2011 ба зиёда аз 2,6 миллиард доллари ИМА баробар донистааст.

Мутаассифона, зимни ибрози андешаҳо, кулли маблағҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолгашта ҳаҷми маблағҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолгардида ба муҳоҷирон тааллуқ доштани онҳоро низ махсус таъкид накардааст ва ягон далелу арқоми оморӣ, ки маҳз аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқол шудани кулли маблағҳоро собит намояд, мавҷуд нест. Ба доираи соҳибкорону дигар ашхос мутааллиқ будани як қисмати ин маблағҳо асос дорад, зеро ҳамарӯза тавассути бонкҳо болоро ҷонибдорӣ намуда, зикр кард, ки мутаассифона, айни замон ҳисобу китоби аниқи ҳаҷми маблағҳои аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқолгардида мавҷуд нест.

Маҳз ҳамин омил боис гаштааст, ки баъзе коршиносон, бо истифода аз нишондиҳандаҳои маҷмӯии интиқоли маблағҳо ба ҷумҳурӣ, андешаҳои аз ҳақиқати воқеӣ дур бударо

● Луқма

## Интиқоли маблағ танҳо хоси муҳоҷирон нест

**Қисмати зиёди интиқолҳои пулӣ ба соҳибкорон тааллуқ дорад, вале баъзеҳо дидаву дониста ин омилро сарфи назар мекунанд**

мутааллиқи муҳоҷирони меҳнатӣ дониста мешавад. Мо ба ҳеҷ ваҷҳ назаррас будани ҳаҷми маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатиамонро инкор карданӣ нестем, вале танҳо хоси муҳоҷирони меҳнатӣ донистани интиқоли маблағ мантиқан дуруст нест, зеро бо сабаби қариб аз тамоми номгӯйи андозҳо озод будани интиқоли маблағ аз ҷониби шахсони воқеӣ, соҳибкорону тоҷирон низ аз он васеъ истифода менамоянд.

Сардори Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Мустафо Ниёзов низ ин андешаро тасдиқ намуда, минҷумла зикр кард, ки қисмати аъзами маблағҳои аз Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда аз маблағҳои доираи соҳибкорони тоҷику хориҷӣ таркиб ёфтааст. Бонки марказии Федератсияи Россия бо нишон додани ин қабил шахсон низ аз хизматрасонии интиқоли маблағ истифода менамоянд. Ҷоиз ба зикр аст, ки ҳаҷми ин гуна интиқолҳо аз он маблағе, ки муҳоҷирони меҳнатӣ равон менамоянд, бамаротиб зиёд аст. Дар ҳамин росто, қисми дигари иқтисодшиносон бо ибрози андешаашон бобати «аз маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ таркиб ёфтани 45 фоизи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мардумро гумроҳ мекунанд, зеро маблағҳое, ки аз ҷониби муҳоҷирон ба хонаводаашон интиқол мегардад, пайвандонашон онро асосан бо мақсадҳои истеъмолӣ истифода мебаранд, на баҳри афзун намудани Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ.

Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмуддинов низ зимни нишасти матбуотии ҷамъбастии соли 2011 дар маҷмӯъ, андешаи иброз намоянд. Сабаби асосии бамаротиб афзудани интиқоли маблағ тавассути бонкҳо аз хориҷа ба кишварамонро Сафаралӣ Наҷмуддинов ба дастгирии Президенти ҷумҳурӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати аз андозбандӣ озод намудани чунин маблағҳо марбут медонад. Бино ба гуфти вазири молия, солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз чунин маблағҳо ҳудуди 30 фоиз андозҳои гуногун ситонида мешуд.

Омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки танҳо хоси муҳоҷирони меҳнатӣ донистани интиқоли маблағ аз ҷониби як идда коршиносон далели бехабарии эшон аз махсусиятҳои низоми бонкӣ ё дидаву дониста гумроҳ намудани ҳамватанон аст.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## Ҷаласаи кории Раиси шаҳри Душанбе

**Чанде пеш таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи навбатии васеи кории Раиси шаҳри Душанбе оид ба баррасии масоили татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе дар қисмати роҳҳои протоколии ҳалқаи якуми шаҳр - кӯчаи С.Айнӣ ва хиёбони Рӯдакӣ баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа масъулини сохторҳои шаҳрӣ, директорони пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашии ҶСШК «Саноатсоз», «САНИОСП», «Шаҳрофар», «Сельтехпроект», КВД «Душанбешаҳрсоз», КВД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ», ҶДММ «Архиком», «Интерпроект», «АРК-СИНОН», «Архстрой», «Ориён-АРХ», «Проектинвест» ва соҳибмулкону роҳбарони субъектҳои хоҷагидории иншooташон тибқи Нақшаи генералии шаҳр барои азнавсозӣ пешбинигардида аз ноҳияҳои Шоҳмансур ва И. Сомонӣ ширкат варзиданд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев аз корҳои анҷомгирифтаи фаҳмондадиҳӣ бо соҳибмулкон, ки тӯли ҳафтаи гузашта тибқи дастури раиси шаҳр аз тарафи сохторҳои шаҳриву ноҳиявӣ ҷараён дошт, изҳори қаноатмандӣ намуда, бори дигар бо кулли соҳибмулкон бобати моҳият ва зарурати тарҳрезии амали мазкур сӯҳбат карда, афзуд, ки зимни роҳандозии ин тадбир ҳуқуқҳои соҳибмулкон набояд поймол гардад ва манфиатҳои онҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар бояд ҳатман риоя ва ҳифз шаванд.

Раиси шаҳри Душанбе дар тақвияти андешаҳои худ таъкид намуд, ки соҳибмулкон имкон доранд аз ҳисоби маблағҳои худӣ ё ҷалби сармоягузорони интихобкардаашон бунёди иншооти тибқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе дар минтақаҳои мавриди таваҷҷуҳ беш аз нӯҳошёна пешбинигардидаро дар асоси лоиҳаҳои бо раиси шаҳр бамувофиқарасида амалӣ созанд.

Дар сурати надоштани имкониятҳои молиявӣ, ҳар кадоме ҳуқуқ доранд, ки бар ивази иншооташон арзиши бозории онро мутобиқ ба муқаррароти қонунгузории амалкунанда аз ҳисоби фармоишгар ҷуброн гиранд ё дар асоси шартномаи тарафайн миёни фармоишгар ва соҳибмулк аз ҳисоби иншооти бунёдшаванда минбаъд иншоот ё квартираи бартарафгардидаашонро баробар ба масоҳати мавҷуда дастрас намоянд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев бо ҳамроҳии соҳибмулкон лоиҳаҳои иншооти таҷдидшавандаро аз назар гузаронида, ба масъулин ва роҳбарони субъектҳои лоиҳакашӣ дастур дод, ки бо ба инобат гирифтани таклифҳои соҳибмулкон лоиҳаҳои тибқи Нақшаи генералии шаҳр дар минтақаи мазкур бунёдшавандаро дар Шӯрои шаҳрсозӣ мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои тасдиқ унвонии раиси шаҳр пешниҳод намоянд, то ки азнавсозии иншооти зикргардида на дертар аз моҳи сентябри соли 2013 бо риояи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шавад.

***Ш.САИДОВ,***
***котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

## Роҳандозии ҳамкориҳо ба нафъи кишоварзон аст

**Ба имзо расидани Созишномаи генералӣ миёни ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Росселхозбанк»»-и Федератсияи Россия ба деҳқонони тоҷик имконияти харидории нисбатан қулай ва аз лиҳози иқтисодӣ муфиди техникаву таҷҳизоти бахши кишоварзиро фароҳам меорад**

Ба наздикӣ раиси Раёсати ҶСК «Агроинвестбонк» Фаррух Тағоймуродов ҳамроҳ бо ҳайати корӣ ба Федератсияи Россия сафар дошт. Натиҷаи назарраси сафари мазкур роҳандозии ҳамкориҳои барои тарафайн судманд бо ҶСК «Росселхозбанк» маҳсуб ёфта, баҳри дастрасӣ ба техникаву таҷҳизоти соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ин нукта зимни мулоқоти Фаррух Тағоймуродов бо раиси Раёсати ҶСК «Росселхозбанк» Дмитрий Патрушев мавқеи муҳим дошт. Ҷонибҳо ҳавасмандиашонро ҷиҳати вусъат бахшидани маблағузории тиҷоратӣ, ривоҷи амалиёти байнибонкӣ ва ғайра иброз доштанд.

Дар анҷоми мулоқот Фаррух Тағоймуродов ва Дмитрий Патрушев Созишномаи генералиро имзо намуданд, ки он аз ҷониби ҶСК «Росселхозбанк» маблағузорӣ намудани амалиёти содиротиву воридотии мизоҷони ҶСК «Агроинвестбонк»-ро, аз ҷумла дар бахши харидории техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ дар бар мегирад. ҶСК «Росселхозбанк» соли 2000-ум ба мақсади вусъат бахшидани маблағгузории бахши кишоварзӣ таъсис ёфта, дар ин самт яке аз бонкҳои комёб эътироф шудааст.

***Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

● Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**АРЗИҚУЛОВ Ғулом**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд №280, шаҳри Хуҷанд***

Соли 1916 дар деҳаи Тарғоки ноҳияи Ғарм таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Узви колхоз, коргари НОБ-и Фарҳор, сардори бригадаи бетончиёни НОБ-и Қайроққум, сардори бригадаи бетончиёни сохтмони Нерӯгоҳи обии барқии «Дӯстии халқҳо»-и ноҳияи Хуҷанд ва Нерӯгоҳи обии барқии «Сарбанд»-и шаҳри Қӯрғонтеппа буд.

Бо ордени Ленин, медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.



**ҚУШМУРОДОВ Ҳасан**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чоругдайрон №281, шаҳри Хуҷанд***

Соли 1911 дар деҳаи Гулхани ноҳияи Пролетар таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои мудири шӯъба, котиби Кумитаи комсомолии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, мудири шӯъбаи КМ ЛКСМ Тоҷикистон, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Пролетар, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт ва Хуҷанд кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Ҷанги Ватании дараҷаи I, «Нишони Фахрӣ» ва бо медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҲОҶИБОЕВА Оимҷон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Исмоил №282, шаҳри Хуҷанд***

Соли 1924 дар деҳаи Сомғори вилояти Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Узви колхози ба номи Ҳамзаалиеви ноҳияи Хуҷанд ва колхози ба номи Ворошилови ноҳияи Ленинобод буд.

Бо ордени Ленин, медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҶАВОВ Гурез**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ №283, шаҳри Хоруғ***

Соли 1916 дар деҳаи Хуфи ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои котиби ташкилоти ҳизби коммунисти колхози «Аскари Сурх», мудири шӯъба ва котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Рӯшон, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Шуғнон, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Рошткалъа, раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва бо ду медал мукофотонида шудааст.



**РАҶАБОВ Садордин**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ванҷ №284, ноҳияи Ванҷ***

Соли 1918 дар деҳаи Роғи ноҳияи Ванҷ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои колхозчӣ, ҳисобчӣ, котиби ташкилоти ҳизби коммунисти колхоз, ҷонишини мудир, мудири шӯъба, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ванҷ, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Мурғоб, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ванҷ кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**КЛИМЕНКО Георгий Павлович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Дарвоз №285, ноҳияи Ванҷ***

Соли 1919 дар вилояти Ростов таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои мудири шӯъбаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Тавилдара, директори маркази ниҳолпарварӣ, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ғарм, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ғарм, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Иттифоқи Шӯравӣ» мукофотонида шудааст.



**САОДАТҚАДАМОВ Давлатқадам**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ишкошим №286, ноҳияи Ишкошим***

Соли 1915 дар деҳаи Барӯшони ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, директори мактаб, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ишкошим кор кардааст.

Бо орденҳои Байроқи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**МИРОВА Сайлон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қалъаи Хум №287, ноҳияи Қалъаи Хум***

Соли 1919 дар деҳаи Умараки ноҳияи Қалъаи Хум таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Колхозчӣ ва сардори звенои кирмакпарварии колхози ба номи Калинин, ноҳияи Қалъаи Хум буд.

Бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Маслиҳати мутахассис

## Некон боғ бунёд мекунанд

**Дар сарзамини файзбахшамон, ҳамин ки рӯзҳои сарди зимистон поён ёфт ва нурҳои хуршед партавафшонӣ кард, одамон ба сарсабзу кабудизоркунӣ шурӯъ мекунанд. Дар Тоҷикистон алҳол маъракаи ниҳолшинонӣ анъана шудааст ва ҳар сол дар ин давра садҳо ҳазор ниҳоли дарахтони гуногун, гулу буттаҳои ороишӣ дар ярмарка-намоишгоҳҳо ба фурӯш бароварда мешавад. Аммо на ҳама ниҳолони интихобкардаю шинондашуда сабзу самаровар мешаванд. Чаро? Сабабҳои инро мо аз директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ- тадқиқотии ҷангали Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ Ҳикматулло Назиров пурсон шудем.**

- Воқеан ин мавзӯи хубу саривақтист, ки шумо ва хонандагони рӯзнома мехоҳанд дар атрофи он фикру мулоҳизаҳои мутахассисонро бифаҳманд. Дар шароити Тоҷикистон ниҳолро дар ду давра –фаслҳои тирамоҳ ва баҳор мешинонанд. Инак, боз мавсими ниҳолшинонӣ оғоз меёбад ва одамон дар шаҳру деҳот кӯшиш мекунанд, ки ниҳоле шинонанд, гӯшаеро сарсабзу гулзор кунанд. Агар ҳаво мусоид ояд, барои ниҳолшинонӣ охирҳои моҳи феврал то аввалҳои моҳи апрел мувофиқ аст. Дар фасли баҳор шинондани ниҳолро то давраи варамкунии муғчаҳо (ба сабзиш тайёр шудани онҳо) мегузаронанд.

Албатта, ниҳолшинонӣ қоидаҳои худро дорад ва барои он ки меҳнати шумо самараи хуб диҳад, нахуст ҷойи мувофиқро интихоб ва он мавзеъро барои бунёди боғ омода кардан лозим. Баъд заминро дар чуқурии на кам аз 60-70 см шудгор ва тахту ҳамвор месозанд. Агар мавзеи интихобкардаи шумо дар нишебиҳо, талу теппаҳо ҷойгир бошад, набояд он ҷойро чуқур шудгор кард, зеро хавфи эрозияшавӣ(шусташавӣ, бодхӯрдашавӣ) ба амал омаданаш мумкин аст. Кори дигаре, ки ба он низ аҳамияти ҷиддӣ бояд дод, ин интихоби дурусти навъи ниҳол мебошад. Баъд аз интихоби ниҳол, агар он мевадиҳанда бошад, аввал чуқуричаҳоро ба андозаи 0,5-0,6 м тайёр кардан лозим. Дар заминҳое, ки дараҷаи зичии хок баланд аст, андозаи чуқуричаҳо на кам аз 0,3-0,4 м –ро ташкил бояд кунанд. Аслан ин чуқуричаҳо тирамоҳ канда мешуданд, манфиаташ бештар мешуд. Сипас, ба ҳар як чуқурича ба миқдори 1 кг нурии органикӣ (поруи кӯҳна) андохта мешавад. Ҳангоми кандани чуқуричаҳо бояд ба он аҳамият дода шавад, ки қисми ҳосилхези хок алоҳида ва қисми мобайнии он алоҳида партофта шавад ва дар вақти шинонидани ниҳол, чуқуричаҳо аввал бо хоки ҳосилхез ва баъд бо қисми мобайнии хок пур карда шаванд.

Дар шароити Тоҷикистон истифодабарии нуриҳои органикӣ ҳангоми шинонидани ниҳолҳо ба сабзиш ва зуд ба ҳосилдароии онҳо мусоидати хуб мекунад, лекин фаромӯш набояд кард, ки аз меъёр зиёд истифодаи он тавсия дода намешавад, зеро он ба пӯсидани реша оварда мерасонад.

Пеш аз шинонидан ниҳолҳоро дар шарбатоб 3-4 соат нигоҳ доштан лозим аст. Шарбатоб аз поруи чорво ва хок тайёр карда мешавад(се ҳисса поруи нави чорво, як ҳисса хок ва панҷ -шаш ҳисса об). Баъди анҷоми мӯҳлати хобонидан дар шарбатоб ниҳолро ҳар чӣ зудтар шинондан лозим, чунки дар ҳавои кушод агар мӯҳлати зиёд истад, оянда сабзиши ниҳол хуб намешавад. Ниҳолро тарзе бояд шинонд, ки қисми пайвандшудаи он аз қабати хок на кам аз 3-4 см боло бошад. Дар сурати риоя накардани чунин тарзи шинонидан миқдори зиёди ниҳолҳо мумкин аст хушк шаванд. Ҳангоми лой будани замин ва ё аз ҳад баланд будани намии хок шинонидани ниҳолҳо тавсия дода намешавад. Пас аз бaанҷомрасии шинонидани ниҳолҳо, навдаҳои онҳоро ба андозаи 60-70 см аз сатҳи хок боло буридан лозим аст.



Маслиҳати мухтасари хешро бо таъкиди як гуфтаи бузургон мехоҳам анҷом диҳам, ки фармудаанд:

*Аз нек боғ, аз бад доғ.*

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Ба истиқболи 100- солагии матбуоти тоҷик

*Бисту як сол пеш дар фазои матбуоти тоҷик боз як рӯзномаи нав- нашрияи Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон рӯзномаи «Садои мардум» (ҳоло нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) арзи ҳастӣ кард. Муродуллоҳи Шерализода 5 октябри соли 1990 дар Иҷлосияи Шӯрои Олӣ ба тариқи алтернативӣ аввалин сармуҳаррири ин рӯзнома интихоб гардид. Вай рӯзҳои нахуст дар атрофаш беҳтарин рӯзноманигорони тоҷик Бахтиёри Муртазо, Додоҷон Раҷабӣ, Умриқул Ҳақбердиев, Ғаниҷон Ҷӯразода, Обиди Умар, Раҳими Бобоҷон, Қурбон Мадалиев, Шарифи Ҳамдампур, нисбатан ҷавонтарҳо Қироншоҳи Шарифзода, Мардони Муҳаммад, Хушвахтшо Муборакшоев, Абдуқаҳҳори Муҳаммадалӣ, Абдулмаҷид Муродов, Мардон Шукуров, Абдугаффор Қурбонов ва дигаронро муттаҳид ва як коллективи тифоқу аз ҷиҳати эҷодӣ пурқувватро ташкил кард.*



*Дар баробари ҳайати эҷодӣ, инчунин сармуҳаррир барои ба кор ҷалб намудани кормандони техникӣ хеле бомулоҳиза ва серталаб буд. Суратгир Ғаниҷони Мамадсодиқ ва Раҷабалӣ Юсуфзода, рассоми графика Юсуф Аскаров, мошиннависон апаи Сайёра Мазамбекова, Санавбар Бобоҷонова, Дилором Ҷобирова ва аз ҳама асосӣ- кормандони муҳосибот- сармуҳосиб Шукуфа Чингизовна Ҳасанзода ва хазинадор Зумрад Султонова ин ҳайатро пурра карданд. Сармуҳаррир Муродуллоҳ Шерализода, дар интихоби кадрҳои нахустин барои рӯзномаи нав бурд кард. Охир, ин эҷодкорону мутахассисон барои як солу ду сол не, шояд барои даҳсолаҳо лозим мешаванд. Ҳама интизори шумораи нахустини он буданд.*

*Якуми январи соли 1991 шумораи нахустини рӯзномаи «Садои мардум» ба дасти хонандагон расид. Дар таҳияи нахустшумора, баробар бо ҳайати эҷодӣ, ҳамчунин саҳми сармуҳосиби рӯзнома Шукуфа Ҳасанзода багоят калон буд…*

*Аз байн 21 сол гузашт. Дар ин муддат бисёриҳо табдили ҷойи кор карданд, қисме моро ҷисман тарк намуда, ба дунёи беохир пайвастанд. Насли нав сари кор омад ва шояд имрӯз на ҳама донанд, ки сармуҳосиб Шукуфа Чингизовна кист ва чӣ гуна зан буд.*

# ШУКУФАИ АЗИЗИ «САДОИ МАРДУМ»

Банда ба наслҳои нисбатан ҷавони кормандони рӯзномаи «Садои мардум» дохил будам ва ғамхориҳои модаронаи Шукуфа Чингизовнаро аз ҳама бештар мушарраф гардидаам.

Азбаски рӯзномаи мо навтаъсис буд, рӯзҳои аввал барои рӯзноманигорон на ҳама шароит муҳайё гардид. Рӯзнома бошад, ҳафтае панҷ маротиба аз чоп мебаромад ва қувваи бузурги эҷодиро тақозо дошт. Дар ин ҳолат Шукуфа Чингизовна ва шогирдаш Зумрад ба дафтари кормандон ворид гардида, бо баҳонаи шиносоӣ, ҳамзамон аз каму кости шӯъбаҳо огоҳ мешуданд ва дар яке аз ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ Шукуфа Чингизовна изҳор дошт, ки рӯзноманигорон аз субҳи барвақт то бевақтии шаб, гоҳо то соати се ё чори шаб, дар сари коранд. Мебояд барои онҳо тамоми шароитро муҳайё намоем, то аз чизе танқисӣ накашанд.

Ин суханҳо ба коллективи рӯзнома, бахусус ба сармуҳаррир Муродуллоҳи Шерализода, хеле хуш омад ва бо қаноатмандӣ сар ҷунбонида гуфт:

-Дуруст гуфтед, Шукуфа Чингизовна, шумо зан- модар ҳастед ва ин масъалаҳоро аз мо хубтар медонед. Мехостам ин заруриятро ҳамроҳи Зумрадбону ва мудири хоҷагӣ Саидмурод Холов дар кӯтоҳтарин фурсат ҳал намоед.

Ҳамин тавр, дар ҳар шӯъба маводи фаровон- дастгоҳи нави телефон, чойники барқӣ, палосу пардаҳо ва якчанд телевизори рангаву ду яхдони калони умумӣ пайдо шуд. Ҳама медонистем, ки ин ғамхориҳои Шукуфа Чингизовна ва дастгириҳои сармуҳаррир буд. Ин ягона ғамхории ин зани наҷиб набуд, ӯ кӯшиш мекард ба касе агар тавонад, некӣ кунад.

Таваҷҷуҳи модаронааш беш аз ҳама ба мо- ҷавонон буд ва инро аз рӯзҳои нахустин ҳис мекардам. Агар касе бемор ё андаке таб мекард, дарҳол дору ё чой ва мураббо оварда, дар ҳаққаш ғамхорӣ мекард. Касе аз кормандони эҷодиву техникӣ зодрӯз дошта бошанд, ҳатман ба иттифоқи касаба гӯшрас мекард, ки гулдастаро фаромӯш накунанд. Худаш бошад, дар кушодахат матни пурмаънӣ навишта, бо кулчақанд ба табрикаш меомад. Ман боре надида будам, ки касеро ранҷонида ё касе аз коргоҳаш ноумед баромада бошад. Ҳамеша роҳатрасони ҳайати эҷодии рӯзнома буд ва кӯшиш мекард касеро малол накунад. Дар замири поки ин зан ҳама чиз, ба ибораи А.П.Чехов ҳам сурат, ҳам либос ва ҳам рафтору гуфтор, зебо буд. Сӯҳбаташ хеле гуворо ва хотирмон, дар одамшиносӣ маҳорати хуб дошт. Агар рӯзе ба касе некиаш мерасид, худро хеле хушбахт мешумурд.

Мавриди зикр аст, ки Шукуфа Ҳасанзода на танҳо чун сармуҳосиби рӯзнома ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ-молӣ мусоидат мекард, балки ба масъалаи эҷодӣ ва зиндагии шахсии кормандони рӯзнома низ то ҳадди имкон кӯмак мекард. Ӯ ҳатто медонист, ки то охири моҳ боз ба киҳо пул лозим шуда мемонад. Аз ин рӯ, дар хазинаи идораи рӯзнома ҳамеша маблағи эҳтиётӣ дошт. Ман дар бадали ҳашт соли фаъолияташ боре надидаам, ки кормандон муздди меҳнаташонро сари вақт нагирифта бошанд.

Вақтҳои фориғ аз кор, ки он ҳам хеле кам буд, ба муҳосибхона рафта, лаҳзае аз сӯҳбатҳояш баҳравар мешудем. Ӯ айнакҳои зебояшро эҳтиёткорона гирифта, чашмонашро бо ангушташ молиш дода:

-Тиллоҷон, ту мепурсӣ, ҷаро ман ҳар лаҳза мехоҳам ба касе дасти некӣ дароз кунам, бахусус ба ҷавонон, зеро дар кӯдакӣ ва наврасӣ азоби бе падарӣ ва модариро дидам. Аввал хонаи бачагон, дурӣ аз Ватан ва пас духтархонди оилаи тамоман ношинос.

...Ман падарам -Чингиз Ризо Ҳасанзодаи эрониро кам дар хотир дорам. Ману додарони дугоникам Фарруху Озар азоби репрессияи солҳои 1937-1938-ро аз ҳама бештар чашидаем. Падарам котиби масъули рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» буд ва гирифтори тӯҳмати душманони миллати тоҷик шуд. Вақте ки калон шудем, дар ҷустуҷӯйи наздикон шудам. Ба идораҳои дахлдор, ба рӯзномаҳои марказӣ навиштам, аммо натиҷае надод. Ба ҳамин минвол, бо умеду орзу ва интизориҳо умрам аз синни умри ҷавонии падарам гузашт, аммо…

Падари азизамро, ки аз паноҳандагони сиёсии Эрон буд, моҳи феврали соли 1938 дастгир карда, моҳи июл ба қатл расониданд. Мо, фарзандонаш, ҳамроҳи модарам дар кӯчаи Шота Руставели 18-и шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) зиндагӣ мекардем. Баъди ин ҳодисаи мудҳиш маро бибиям ҳамроҳаш гирифта, ба Федератсияи Россия бурд. Дар Россия аввал ҳамроҳи бибиям ва баъди вафоташ дар хонаи муаллимаам зиндагӣ мекардам. Баъд хонаи бачагон. Бародаронаш Фаррух ва Озар, ки даҳмоҳа буданд, онҳоро ба хонаи бачагони шаҳри Сталинобод монданд. Пеш аз ҳабси падар Татяна Шапошникова ном мураббия ба хонаи мо омадааст. Ба чӣ мақсад? Касе намедонад. Шояд бародаронамро гирифта, ба касе дода бошад.

Ашк гулӯгираш карда буд. Ман хостам мавзӯи сӯҳбатро дигар кунам, вале Шукуфа Чингизовна нақлашро давом дод. Он як қиссаи калони пур аз фоҷиа ва ғаму андӯҳ буд, агарчӣ оқибаташ нек баромад.

Шукуфа дар хонаи бачагон аз ҳама духтараки зебо ва ҳушёр буд, бо баҳои аъло мехонд, дар корҳои беруназмактабӣ хеле фаъолона иштирок мекард. Баъди хатми мактаб дар хонаи бачагон солҳои 1952-1956 дар факултети сохтмонии Техникуми сохтмонии шаҳри Кӯйбишев таҳсил карда, онро ба ихтисоси техник-технолог хатм кард. Пас ду соли аввал ба ҳайси усто, баъдҳо инженер - нормовщик ва инженер -технологи Комбинати оҳану бетони (ЖБК) шаҳри Новокуйбишевскийи Федератсияи Россия кор кард. Вале дилаш ҳамеша ба зодгоҳаш -Душанбе кашол буд. Бо пайдо шудани имконияти аввалин соли 1964 ба шаҳри Душанбе омад. Шаҳри Душанберо тарзи дигар дарёфт. Шаҳри зебо, озода ва пур аз гулу дарахтони сарсабз. Танҳо падару модар ва додаронаш намерасиданд. Бо умеди зиёд бо дӯстону ҳамкорон ва шахсоне вохӯрд, ки падарашро мешинохтанд. Бо доктори илмҳои филология Баҳром Сирус, рӯзноманигор Қосим Дайламӣ, раиси Комиҷроияи шаҳри Душанбе Худоназар Мамадназаров, шоири маъруф Мирзо Турсунзода ва дигарон вохӯрда, аз онҳо сухане, бӯе аз падар мепурсид. Ниҳоят падарро қаламкаши боистеъдод, инсони бофарҳанг, покниҳод, қавиирода ва бовиҷдон дарёфт. Ин хабарҳо Шукуфаро хеле шодмон карданд, зеро ӯ гумон дошт, ки падар хатоии сиёсие содир карда бошад…

-Баъди ҷустуҷӯҳои зиёд, соли 1969, ман модарамро пайдо кардам, аммо афсӯс, ки модар чизе дар хотир надошт. Намедонист, ки бо ӯ ва се фарзандаш чӣ рух дода буд. Ҳатто аз тарсу ваҳми он солҳо дар ин хусус гап задан намехост.

Соли 1991 ба ман муяссар шуд бо парвандаи падарам шинос шавам. Падарам соли 1956 сафед шуда, бегуноҳ баромадааст. Дар парванда номи мо- фарзандонаш сабт ёфта буд. Мутаассифона, ба куҷо бадарға шудани модар ва мо- фарзандонаш он ҷо навишта нашудааст. Дар бораи бародаронам то имрӯз ягон маълумот пайдо накардам. Шояд онҳоро касе ба фарзандӣ қабул кард, шояд имрӯзҳо онҳо дар ҳамсоягии ман зиндагӣ кунанд, аммо ман намедонам. Онҳо низ мисли ман ному насабашонро дигар карда бошанд.

Шукуфа Чингизовна баъд ба кору зиндагии осуда оғоз намуд. Сардори шӯъбаи Вазорати саноати хӯроквории РСС Тоҷикистон, иқтисодчии калони «Сельстрой-№1»-и шаҳри Душанбе ва солҳои охир омӯзгори фанҳои иқтисодӣ ва низоми кори Техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе буду дар тарбияи шогирдон саҳми калон гузошт. Ҳоло шогирдонаш дар Бадахшону Хатлон ва Рашту Суғд кор мекунанд.

Азбаски аз овони таҳсил дар техникум бештар ба илмҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ дошт, барои гирифтани дониши нисбатан мукаммал ҳуҷҷатҳояшро соли 1967 ба факултети иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин супурда, онро соли 1972 (ғоибона) ба охир расонд.

Умуман, ӯ аз овони ҷавонӣ ба омӯхтани илму дониш шавқи зиёд дошт ва сол то сол малака ва маҳораташро такмил медод. Барои он ки аз нозукиҳои педагогика ва психология бештар баҳравар шавад, соли 1967 курсҳои оид ба ташкилотҳои илмӣ ва баъдтар курси дусолаи педагогика ва психологияи назди Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) хатм намуд. Ин маълумотҳо барои фаъолияти педагогияш дар Техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе лозим шуданд. Шукуфа Ҳасанзода то ба нафақа баромадан дар техникуми зикршуда кор кард ва моҳи августи соли 1990 ба нафақа баромад, вале шогирдонаш нагузоштанд, ки муалиммаи азизашон хонашин бошад. Ин буд, ки ӯро ба вазифаи бухгалтери Шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе даъват карданд. Чанде дар ин идора кор кард.

Бо таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» ин бонуи наҷиб ба коллективи бисёрнафараи он пайваст.

Вақте ки 5 майи соли 1992 сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода дар саҳни бинои Шӯрои Олии Тоҷикистон ба шаҳодат расид, Шукуфа Чингизовна Ҳасанзода то дер ба худ наомад ва ҳатто хулоса кард, ки тарки кор намояд. Вале чун дид, ки баъди ҳодисаҳои маълуми ҷумҳурӣ ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» пароканда шуданд, ӯ ба хотири рӯҳи поки сармуҳаррир аз нияташ гашт ва тавонист, ки боз чанд нафари дигарро аз рафтан боздорад. Охир, меҳнату талошҳои шабонарӯзии Шерализода барабас меравфт?

-Он рӯзҳои мудҳишро ба хотир орам, дилам реш-реш мешавад. Ман баъди Муродуллоҳ дигар кор карда наметавонистам, вале ҳамкоронам Умриқул- ако, Ғаниҷон, Раҳимҷон, Қурбон Мадалиев ва дигарон изҳор доштанд, ки ақаллан ба хотири рӯҳи поки сармуҳаррир коллективро дошта истем. Вагарна тифли нозпарвари Муродуллоҳ- рӯзномаи «Садои мардум» аз фаъолият бозмемонад, -мегуфт ӯ.

Дар хотир дорам, ки барои таъини нафақа ба фарзандони М.Шерализода Шукуфа Чингизовна чӣ қадар кӯшишу талош кард. Чӣ қадар коғазу расмиятчигӣ. Дар ниҳояти кор чунин шахсони дилсӯз буданд, ки ҳатто дар шаҳри Душанбе кӯчаи Муродуллоҳ Шерализода арзи ҳастӣ намуд. Шукуфа ҳар субҳу шом аз ин кӯчаи барояш хеле азиз ба кор, ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» мешитофт. Хурсанд буд, ки номи неки сармуҳаррири нахустини рӯзномаи «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода абадӣ гардонида шуд. Бо ҳамин нияти нек Шукуфа Чингизовна то тирамоҳи соли 1997 дар идораи рӯзнома кор кард ва шоҳиди нашри шумораи ҳазорумини «Садои мардум» гардиду дар шодмонии ҳайати эҷодиву техникии рӯзнома, ки ин санаи фархундаро 27 сентябри соли 1997 ҷашн гирифтанд, ҳузур дошт. Ҳатто суруди дӯстдоштааш «Мои года, мои богатства»-ро бо овози форамаш замзама кард.

Ёдам меояд, ки вобаста ба ҳодисаҳои маълуми солҳои 1993-1995 ман ба сифати хабарнигори «Садои мардум» дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолият доштам. Вақте ки соли 1995 ба шаҳри Душанбе баргаштам, маро соле пеш аз кор озод карда буданд. Нафароне аз коллективи пештара он қадар ҳавасманд набуданд, ки маро дубора ба кор гирад. Танҳо бо дахолати Шукуфа Ҳасанзода ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ», ки ба гурезаҳо кафолати баркарор намудани собиқа ва ҷойи кори пештараро медод, ба вазифаи пештараам барқарор шудам. Муқаррароти ин қонунро низ Шукуфа Чингизовна ба хотирам оварда буд…

Моҳи октябри соли 1997 бо даъвати ягона писараш -Владислав шахси барои ҳар як кормандӣ рӯзномаи «Садои мардум» азизу мӯътабар- Шукуфа Ҳасанзода ба вилояти Саратови Федератсияи Россия кӯчид. Пеш аз сафар барои дӯстону ҳамкорон дар ошхонаи КВД КТН «Шарқи озод» маҳфили хайрухуш ва дастархон орост. Он рӯз чӣ қадар суханҳои гуворо садо доданд. Касе намехост, ки Шукуфаи азизи «Садои мардум» аз коллектив ҷудо шавад. Вале ин тақозои ҳаёт аст, яке мераваду дигаре меояд.

Дар бораи хизматҳои Шукуфа Чингизовна бисёр навиштаанду боз ҳам менависанд. Оре, чунин занҳои наҷиб, ғамхор, поквиҷдон ва ҳалолкор ҳеҷ гоҳ аз хотираҳо зудуда намешаванд, баръакс, бо мурури солҳо қадру қиматашон меафзояд.

Имрӯзҳо Шукуфаи мо, Шукуфаи «Садои мардум» дар иҳотаи наберагону аберахояш дар вилояти Саратов давлати пирӣ меронад. Вале аз ҳолу аҳволи собиқ ҳамкоронаш- кормандони «Садои мардум» воқиф мешавад. Бо шогирди аз ҳама вафодораш Зумрадбону Султонова ҳамеша дар тамос аст. Ҳама вақт ба мо салому пайғоми гарм фиристода, аз комёбиҳои рӯзномаи «Садои мардум» воқиф мешавад.

Инак, аз таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» 21 сол ва Рӯзи матбуоти тоҷик расо 100 сол пур шуд. Дар ин рӯзи фирӯз тамоми рӯзноманигорони ҷумҳурӣ як ҷо ҷамъ шуда, роҳи тайнамудаи тӯлонии журналистикаи тоҷикро бо ёддошту хотираҳо пос медоранд. Бемуболиға, метавон гуфт, ки дар гӯшаи яке аз гулгаштҳои хотираҳо ва арзу сипосҳои «Садои мардум» номи Шукуфа Ҳасанзода чун сармуҳосиби поквиҷдон ва ҳалолкор абадан сабт хоҳад гардид.

***Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

● Қаллобӣ

# Заминфурӯшӣ идома дорад

Аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирӣ намудани қаллобӣ, ришвахитонӣ ва дигар амалҳои номатлуб тадбирҳои зиёде амалӣ карда мешаванд. Чунончӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба ин амалҳои номатлуб, қонуншиканиҳои зиёдеро ошкор намуданд.

Дар хусуси то ин замон аз ҷониби кормандони масъул худсарона фурӯхтани замин, ки моликияти истисноии давлат аст, камбудиҳои зиёде ошкор шуда бошад ҳам, талаю тороҷи замин идома дорад.

Соли гузашта кормандони Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 45 далели хариду фурӯши ғайриқонунии заминро ошкор намуданд. Тафтиш муайян намуд, ки раиси Кумитаи заминсозии ноҳия Бахтофарин Ғуломов бо маслиҳати пешакӣ бо раиси хоҷагии деҳқонии ба номи «Бобои Абдусамад» Фозил Раҳимқулов ва мудири шӯъбаи амволи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Хайриддин Зоғов аз соли 2009 инҷониб барои ба шаҳрвандон додани қитъаҳои замини ин хоҷагӣ ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр намудаанд. Маблағи бо ин роҳи фиреб гирифтаи онҳо 57 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия Шомурод Мирзоев бо маслиҳати пешакӣ бо раисони хоҷагиҳои деҳқонии «Мирзо Гадо» ва «Комил» ба чанд нафар шаҳрвандон бо ваъдаи додани замини наздиҳавлигӣ аз ҳар кадоме аз 1000 то 2500, дар маҷмӯъ 34 ҳазор доллари амрикоӣ гирифтаанд.

Нисбат ба номбурдагон аз ҷониби Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия бо моддаҳои 247 қисми 3 (қаллобӣ), 316 қисми 3 (баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ) ва 323 (сохтакории хизматӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, ба суд ирсол шуд.

Вале бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» онҳо аз иҷрои ҷазо озод ва ба вазифаҳои пештараашон барқарор карда шудаанд. Ҳол он ки Раёсати корҳои дохилии вилоят ва Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия ба мақомоти дахлдори давлатӣ аз ин хусус хабар дода буданд.

Ҳамчунин аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ заминсози Ҷамоати деҳоти Мискинободи ноҳияи Файзобод Абдураззоқ Саидов ва муҳандиси заминсози Ҷамоати деҳоти «Куруқсой»-и ноҳияи Мастчоҳ Мирсаид Исмоилов, ки барои ғайриқонунӣ додани замин аз шаҳрвандон пора гирифта буданд, дастгир шуданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***


# БУНЁДИ МИЛЛИИ ИҶТИМОИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН (БМИМТ)

## ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК КАРДАН ДАР САВДО-ОЗМУНҲО

Санаи даъват: «25» феврали соли 2012
№Шартномаҳо: **KFWII-14/ KFWII-28**
№ Грант: BMZ №2005 66 315

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки олмонии рушд дар доираи Барномаи KFW (Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ) Гранти BMZ №2005 66 315 гирифт. Дар назар аст, ки як қисми маблағҳои ин грант дар доираи шартномаҳои KFWII-14/KFWII-28 ҷиҳати пардохт барои татбиқи лоиҳаҳои ҷамоавии:

***KFWII-14 «Сохтмони бинои таълимии дуошёнаи 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25, деҳаи Сармантой, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ»***

***KFWII-28 «Сохтмони бинои таълимии дуошёнаи 6 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №53, деҳаи Игрони Боло, Ҷамоати деҳоти Оқсу, ноҳияи Дангара»*** сарф шавад.

2. Супоришдиҳандаҳо - ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25, деҳаи Сармантой, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №53, деҳаи Игрони Боло, Ҷамоати Оқсу, ноҳияи Дангара*** ва маблағгузор - Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ***ташкилотҳои сохтмонии аз интихоби пешакӣ гузаштаро*** даъват менамоянд, ки пешниҳодоти озмунии пӯшидаро барои иштирок кардан дар озмуни интихобӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои ***KFWII-14, KFWII-28*** манзур намоянд.

Иштирокчиёни савдо-озмун бояд Иҷозатномаи ҳуқуқи иҷрои корҳои сохтмонӣ-васлкуниро дошта бошанд.

3. Ҳуҷҷатҳои савдо-озмун ва нусхаҳои иловагии онро бо пардохти бебозгашт, ба маблағи 300 (сесад) сомонӣ барои ҳар як бастаи ҳуҷҷатҳо, аз суроғаҳои зерин дастрас кардан мумкин аст:

***дафтари минтақавии БМИМТ, ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Зайнидинов 34.***

***дафтари минтақавии БМИМТ, ш.Кӯлоб , кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев 9/14.***

Маълумоти иловагиро низ аз ҳамин суроғаҳо дастрас кардан мумкин аст.

4. Конфронсҳои пешазозмунӣ барои лоиҳаи ***KFWII-14 рӯзи 15-уми марти соли 2012, соати 11:00, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25, деҳаи Сармантой, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ,*** барои лоиҳаи ***KFWII-28*** рӯзи ***13-уми марти соли 2012, соати 11:00, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 53, деҳаи Игрони Боло, Ҷамоати деҳоти Оқсу, ноҳияи Дангара*** баргузор мегарданд

5. Пешниҳодҳо бояд аз рӯи қолаби стандартӣ, дар бастаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ***на дертар аз соати 14:00 рӯзи 29-уми марти соли 2012*** ба суроғаҳои зайл пешниҳод шаванд: ***ш.Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ошёнаи 2, утоқи 9, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***, ки он ҷо дар ҳузури иштирокчиёни озмун ва намояндагони ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактабҳо*** аз тарафи комиссияи тендерии ***Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** кушода мешаванд.

6. Пешниҳодҳои озмунӣ пас аз кушодан, бояд муддати 45 рӯз эътибор дошта бошанд. Пешниҳоди озмунӣ бояд аз рӯйи қолаби стандартии «Замонати бонкӣ барои пешниҳодҳои озмунӣ» ба андозаи на кам аз 50 ҳазор сомонӣ замонати бонкӣ дошта бошад.

Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:
дар ш. Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44,
дар ш.Қӯрғонтеппа: (8-3222) 3-60-43/ 3-61-73,
дар ш. Кӯлоб: (8-3322) 2-66-66.
**e-mail:** spap@nsift.tojikiston.com; http://www.nsift.tojikiston.com/





## Ҳамкориҳои дуҷониба густариш меёбанд

**ДУШАНБЕ. (Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим бо директори генералии ҶСП «Интер АГРО» М. Акрамов ва директори генералии Ширкати саноатӣ - молиявии «Урал Пром Сервис» (Федератсияи Россия) А. Осипов мулоқот намуд.

Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, зимни мулоқот раванди ҳамкориҳои дуҷониба бо мақсади мусоидат ба рушди кишоварзӣ дар оянда мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифтанд. Дар вохӯрӣ ҳамчунин оид ба ҳамкориҳо дар парвариши картошкаи барвақтӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак оид ба технологияи истеҳсоли картошкаи тухмӣ дар ноҳияи Ҷиргатол таклифу дархостҳо пешниҳод намуданд.

## Деҳот обод мешавад

**АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Сокинони деҳоти «Дӯстӣ» - и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ солҳои тӯлонӣ барои ба маркази ноҳия рафтан душворӣ мекашиданд. Акнун ин мушкилотро соҳибкорону муҳоҷирони меҳнатии деҳоти мазкур осон карданд. Онҳо пули асосии роҳи калонро, ки деҳоташонро бо деҳоти «Арал» мепайваст, баъди 14 сол дар хизмати бошандагони деҳот қарор доданд.

Лоиҳаи таъмири ин кӯпрукро Идораи роҳсозии ноҳия таҳия ва он бо маблағгузории сокинони деҳот барқарор гардидааст. Ёдовар мешавем, ки дар солҳои охир бо иқдоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, сокинони деҳот ва дастгирии аҳолӣ якчанд иншооти соҳаҳои тиб, маориф бунёд ва роҳҳои дохилӣ аз нав барқарор гардиданд.

## Маблағгузории иловагии лоиҳа

**ДУШАНБЕ. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Шӯрои директорони иҷроияи Бонки ҷаҳонӣ иловатан маблағгузорӣ намудани Лоиҳаи «Бақайдгирии замин ва низоми кадастрӣ»- ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул донистааст.

Тибқи иттилои намояндагони бонки зикршуда дар шаҳри Душанбе ҳаҷми маблағҳои дар доираи ин иқдом пешбинишуда 10 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки татбиқи лоиҳаи зикргардида соли 2005 шурӯъ гашта, ҳадафи ниҳоияш мусоидат ба рушди бемайлони бахши кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

## Раис арзи мардумро шунид

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Тибқи нақшачорабинии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан дар Ҷамоати деҳоти Ҷавкандак бо иштироки сохторҳои дахлдор ва намояндагони корхонаҳои хизматрасон, раиси шаҳр Иброҳим Абдуллоев рӯзи қабули шаҳрвандонро доир намуд.

Масъалаҳои асосии бамиёнгузоштаи аҳли нишаст марбут ба баҳси замин, вазъи мактабҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, тиб, савдо, таъминоти барқ, нуқтаҳои хизматрасонии оби ошомиданӣ ва ғайра буданд.

Иброҳим Абдуллоев арзи мардумро шунида, доир ба ҳалли онҳо ба масъулон супоришҳо дод.

## «Тоҷикистон» –дар феҳрасти ҷаҳонии нашрияҳои даврӣ ҷой гирифт

**ДУШАНБЕ. (М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»)** Бо шарофати ба роҳ мондани робитаҳои ҳамкорӣ миёни Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон» ва Маркази байналмилалии ISSN (Рақами стандарти байналмилалии нашрияҳои даврӣ ва давомдор) аввалин шуда аз миёни нашрияҳои ҷумҳурӣ маҷаллаи «Тоҷикистон» - нашрияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Маркази миллии ISSN ва ҳамзамон ба узвияти Маркази байналмилалии ISSN пазируфта шуда, дар феҳрасти ҷаҳонии нашрияҳои даврӣ ҷой гирифт.

Маркази байналмилалии ISSN дар пойтахти Фаронса- шаҳри Париж мустақар аст ва низомаш дар зиёда аз 130 кишвари ҷаҳон истифода мегардад.

## Соҳибунвонҳои «Зумрад» зиёд шуданд

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Сафи олимони унвондори осоишгоҳи «Зумрад» ба се нафар расид. То ин дам дар ин табобатгоҳ ду номзади илми тиб- мудири бахши табобатӣ Зуҳурулло Зоидбеков ва духтури сӯзаншифо Файзулло Саидов ифои вазифа мекарданд.

Бино ба гуфти котиби матбуотии раиси шаҳри Исфара Иқбол Тешаев, ба наздикӣ боз як нафар духтури дорушиноси осоишгоҳ - Маҳмудҷон Маҳмудҷонов рисолаи илмиашро дар мавзӯи «Омӯзиши хосиятҳои табобатии дорухатҳои Абӯалӣ ибни Сино дар шароити осоишгоҳи «Зумрад»» дифоъ намуда, соҳиби унвони номзади илми биология ( ихтисоси фармакологияи табобатӣ) гардид.

## Тайёрӣ ба ҷашни Наврӯз

**ФАРХОР. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Ба номусоидии обу ҳаво ва барфу борони пай дар пайи рӯзҳои охир нигоҳ накарда, дар ноҳияи Фархор ба Иди байналмилалии Наврӯз тайёрии ҷиддӣ мебинанд. Дар ин ҷо омодагӣ нисбати солҳои қаблӣ хубтару беҳтар ба роҳ монда шудааст.

Ҳаштод нафар духтарону писарон аз корхонаву муассиса ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи шаҳрак ба қасри фарҳанг омада, бо мақсади хотирмон истиқбол гирифтани ин иди бошукӯҳи миллӣ зери сарварӣ ва роҳнамоии мутахассисони шӯъбаи фарҳанг ҳамаҷониба тайёрӣ мебинанд. Табиати Фархор тақозо мекунад, ки сокинонаш ба ин иди бузурги миллӣ ҳар чӣ пештар омода шаванд, зеро баҳор нисбати дигар навоҳӣ ба ин мавзеъ барвақттар меояд.

## Мулоқот бо фаъолзанон ва раисони маҳаллаҳо

**ШАҲРИСТОН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар деҳоти «Шаҳристон»-и ноҳияи Шаҳристон мулоқоти муовини раиси ноҳия Шаҳло Саидалиева ва дигар масъулони ноҳия бо раисони маҳаллаҳо ва фаъолзанон доир шуд.

Бино ба гуфти раиси Ҷамоати деҳоти мазкур Саломат Олимҷонова, дар ин нишаст масъалаҳо оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, фаъолияти шӯроҳои занони деҳот, татбиқи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешгирии истифодаи телефонҳои ҳамроҳ аз ҷониби мактабиён ва ғайра мавриди гуфтугӯ қарор гирифт.

## Тавлиди се тифли зебо

**ВАХШ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Модари хушбахт Алифшо Саидалиева аз шаҳраки Кирови ноҳияи Вахш соҳиби се духтар шуд. Айни ҳол модар бо тифлаконаш дар Беморхонаи клиникии вилоятии №1 ба номи Бӯрӣ Воҳидов зери назорати табибон қарор доранд.

Тавре муовини сардухтури беморхонаи мазкур Нодира Раззоқова иброз дошт, тифлакон се ҳафта пеш аз мӯҳлат таваллуд шудаанд. Аз ин рӯ, як муддати муайян таҳти назорати табибон қарор мегиранд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## ЧОРАБИНИИ ИДОНА

Дар майдони назди «Санги ёдбуд»-и шаҳри Панҷакент ба хотири қурбониёни ҷанги Афғонистон бо иштироки ҷанговарони байналмилалии шаҳр, собиқадорони ҷангу меҳнат, афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ, ҷавонону донишҷӯёни шаҳру деҳот чорабинии идона баргузор гардид. Бино ба иттилои муовини раиси шаҳр М. Гадоева 300 нафар ҷавонони шаҳри Панҷакент барои адои хизмат ба хоки Афғонистон сафарбар гардида буданд. Аз инҳо шаш нафарашон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ қурбон шудаанд. Ҳоло иштирокчиёни ҷанги мазкур дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кор ва фаъолият менамоянд. Кору рӯзгори онҳо барои ҷавонони насли имрӯза намунаи ибрат мебошад. Қобили зикр аст, ки бахшида ба рӯзи ёдбуди ҷанговарони байналмилалӣ ва 19- солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани чорабиниҳои гуногун, вохӯриву мулоқотҳои собиқадорони ҷангу меҳнат бо хонандагону донишҷӯён дар шаҳру деҳоти Панҷакент ба ҳукми анъана даромадааст.

***Ҳ.НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

## АЗ ХАРИДИ «ПРОСТАДОНТ» ШАРМ НАМЕДОРАМ




Ба духтур муроҷиат кардан барои ман кори аз ҳама душвортарин аст. Ёд надорам, ки бори охир кай ба дармонгоҳ рафта бошам. Чанд сол пеш бошад, ба бемории илтиҳоби ғадуди олати таносул гирифтор шудам. Дард ҳамеша азият медод, вале боз ба духтур муроҷиат намекардам. Шарм медоштам. Чандин маротиба дар рӯзномаҳо оид ба бемориҳои ғадуди олати таносул мақолаҳо хондам, зеро дар назди ҳамсарам сарамро боло карда наметавонистам. Бо вуҷуди ин, ба назди духтур намерафтам. Рӯзе яке аз дӯстонам ба беморхона афтоду ба аёдаташ рафтам.

Бемории ӯ ба ман монанд будааст. Дар бораи доруҳои истеъмолмекардааш пурсон шудам. Ба фикрам, ӯ фаҳмид, ки маро ҳам ин бемори азият медиҳад ва маслиҳат дод, ки дар беморхона бихобам. «Хатар дорад, аденома мешавӣ», - гуфт. Ба маслиҳати ӯ ҳам гӯш надодам. Таъкидан ӯ гуфт, ки бо худмуолиҷакунӣ машғул нашавам. Доруҳо зарар низ дошта метавонистаанд.

Пас аз қариб як соли дигар маҷбур шуда, назди ҳамон дӯстам рафтам, ки маро маслиҳат диҳад. Дард зиёдтар гашта буд. Ӯ ба ман истеъмоли «Простадонт»-ро тавсия кард. Гуфт, ки ба ӯ ҳам танҳо ҳамин дору кӯмак кардааст. Онро бе дорухати духтур ҳам харидан мумкин будааст.

Инак, ман худро хеле беҳтар ҳис мекунам. Ҳам шавқи зиндагӣ зиёд шудаасту ҳам шавқи муҳаббат. Аллакай бори панҷум аст, ки ман ин даворо харидорӣ мекунам ва аз харидани он шарм ҳам намедорам, зеро «Простадонт» сари баланду рӯйи сурхи ман аст.

***ШОДӢ, сокини ш.Душанбе.***

**Истеҳсолкунанда –Федератсияи Россия**.

## МАЪДАНҲОИ БАҲРИИ «ШИРЛАЙН» ҶАВОНТАРАМ КАРДАНД




Баъди ба дунё омадани тифли дуюмам ногаҳон фарбеҳ шудам. Шавҳарам дар аввали фарбеҳшавӣ «зеботар шудайӣ» мегуфту баъд аз гузаштани чанд муддати дигар ба истеҳзо гузашт. Сухани беҳтарини ӯ «пуфак барин дам кардайӣ» буд. Аз нуктагириҳои шавҳар ва хушдоманам асабонӣ шуда, худро фаромӯш кардам. Вале нуктагириҳои онҳо зиёд гардид, чунки дар ҳамин ҳолат фарбеҳшавӣ идома дошт. Шояд аз асабоният буд, ки ман ҳар лаҳза таъом мехӯрдам…

Аз қаҳр чанд рӯз пайи ҳам рекламаҳои телевизиониро дар бораи харобшавӣ тамошо карда, ба дорухона рафтам. Бештари доруҳоро бо дорухати духтурон медодаанд. Зани русе маро маслиҳат дод, ки аз давои безарари навтарин- «Ширлайн», ки аз маъданҳои баҳрӣ истеҳсол карда мешавад, истифода намоям. «Ширлайн»-ро ба дили наҳор ҳар рӯз ҳамагӣ якмаротибагӣ (ду қошуқӣ дар 200 мл. оби ширгарм омехта намуда) истеъмол менамудаму аллакай пас аз 20 рӯз таъсирашро сад дар сад эҳсос намудам. Низоми хобам барқарор шуд, асабоният рафъ гардид ва хоҳ бовар кунед, хоҳ не, қариб 5 кило хароб шудам. Бар замми ин, пӯсти рӯям ҳам ҳамвору зебо гардидааст. Хаёл мекунам, ки ҷавонтар шудаам. Чандест, ки шавҳарам ба ман меҳрубон аст…

Ман минбаъд низ табобатро бо «Ширлайн» идома медиҳам.

Аз кӯдакӣ танҳо ширро дӯст медоштам, акнун «Ширлайн»-ро ҳам дӯст медорам!

***ШОИРА, омӯзгор.***

**Истеҳсолкунанда – Федератсияи Россия.**
**Маҳсулот дорои сертификат мебошад.**
**Телефон дар пойтахт -918-47-93-93.**
**Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он 985-33-33-17.**




# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Озмуни №6-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 19 марти соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Комбинати полиграфии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 24 м$^2$ | истеҳсолӣ | 1281 | 1 сол |
| 2 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 12-ум, масоҳаташ 46,3 м$^2$ | маъмурӣ | 4440 | 1 сол |
| 3 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 14-ум, масоҳаташ 10,3 м$^2$ | маъмурӣ | 988 | 1 сол |
| 4 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 14-ум, масоҳаташ 11,3 м$^2$ | маъмурӣ | 1084 | 1 сол |
| 5 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 16 м$^2$ | маъмурӣ | 2685 | 1 сол |
| 6 | Кохи «Ҷомӣ» | ш.Душанбе, к.Ҷалол Икромӣ 1 | 2 утоқи корӣ аз ҳисоби толори даромадгоҳи бино, масоҳаташ 32 м$^2$ | намоиши кинофилмҳо | 7191 | 2 сол |
| 7 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | Масоҳати 3 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 672 | 1 сол |
| 8 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | Масоҳати 9 м$^2$ дар ошёнаи 2-юми сехи электролизи корхона | истеҳсолӣ | 825 | 1 сол |
| 9 | Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои «Тоҷиккино» | ш.Душанбе, к.Спортивная 5 | 3 утоқи корӣ аз ҳисоби бинои филмтафтишкунии корхона, масоҳаташ 200 м$^2$ | истеҳсолӣ | 5832 | 1 сол |
| 10 | КФД «Заводи маснуоти оҳану бетонии №2»-и ш.Конибодом | ш.Конибодом, к.К.Хуҷандӣ 31 | 1 утоқи корӣ масоҳаташ 870 м$^2$ | истеҳсолӣ | 9092 | 5 сол |
| 11 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | ш.Душанбе, х.Академикҳо Раҷабовҳо 10 | Масоҳати 0,5 м$^2$ аз ҳисоби бинои донишгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти пардохти хизматрасониҳои мобилӣ | техникӣ | 597 | 1 сол |
| 12 | Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии саноат | ш.Душанбе, к.Айнӣ 259 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 254 м$^2$ | истеҳсолӣ | 11183 | 3 сол |
| 13 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Заводи спиртбарорӣ»-и ш.Исфара | ш.Исфара, к.А.Азимова 84 | Масоҳати 1164 м$^2$ аз ҳисоби сехи пухтан ва хунуккунӣ | истеҳсолӣ | 16303 | 1 сол |
| 14 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ 15 | Масоҳати 7,26 м$^2$ аз ҳисоби толори фурудгоҳ | савдо | 2021 | 1 сол |
| 15 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | ш.Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 88,5 м$^2$ | хӯроки умумӣ | 1674 | 1 сол |
| 16 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | Масоҳати 7,7 м$^2$ аз ҳисоби толори бинои фурудгоҳ | савдо | 2909 | 1 сол |
| 17 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 31 | 2 утоқи корӣ дар таҳхонаи бино, масоҳаташ 117,5 м$^2$ | истеҳсолӣ | 3644 | 2 сол |
| 18 | Беморхонаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Назаршоев 43 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 10 м$^2$ | савдо | 1160 | 1 сол |
| 19 | Шӯъбаи Бозрасии давлатии автомобилии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Деҳлавӣ 12 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 45,11 м$^2$ | хӯроки умумӣ | 1567 | 1 сол |
| 20 | Шӯъбаи Бозрасии давлатии автомобилии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Деҳлавӣ 12 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 13,5 м$^2$ | савдо | 703 | 1 сол |
| 21 | Маркази миллии тиббӣ | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми бинои №5, масоҳаташ 24 м$^2$ | савдо | 3625 | 1 сол |
| 22 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 37 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 12,6 м$^2$ | савдо | 1730 | 1 сол |
| 23 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 9-ум, масоҳаташ 22,6 м$^2$ | маъмурӣ | 2980 | 1 сол |
| 24 | Маркази техникии телевизион ва радио | ш.Душанбе, к.Беҳзод 7 «а» | 1 толори калон дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 300 м$^2$ | хӯроки умумӣ | 3636 | 1 сол |
| 25 | Қитъаи нақлиётии КВД «Садаф» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | 9 утоқи корӣ, 1 коргоҳи истеҳсолӣ, 3 адад анборхона, масоҳаташ 1008 м$^2$ | истеҳсолӣ | 24322 | 1 сол |
| 26 | МД «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.А.Навоӣ 5/1 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 18 м$^2$ | маъмурӣ | 1436 | 1 сол |
| 27 | Комбинати полиграфии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 20 м$^2$ | истеҳсолӣ | 1210 | 1 сол |
| 28 | Маркази миллии ташхис | ш.Душанбе, к.Деҳотӣ 48 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 10,8 м$^2$ | истеҳсолӣ | 1731 | 1 сол |
| 29 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 141 | Масоҳати 6,4 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 710 | 1 сол |
| 30 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 141 | Масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 888 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ОБЩЕСТВО КРАСНОГО ПОЛУМЕСЯЦА ТАДЖИКИСТАНА

Общество Красного Полумесяца Таджикистана (ОКПТ), приглашает все заинтересованные компании и организации к участию в тендере по **изготовление жилетки,** по программе «РПО», осуществляемое при финансовой поддержке Финский Красный Крест (ФКК).

Для участия в тендере необходимо представить письмо намерение об участие, копия документа/сертификата об официальной регистрации компании и копию справки с налогового органа о не задолженности.

***Данное требование является обязательным условием тендера.***

Для получения специального приглашения и детальной спецификации все заинтересованные компании и организации могут обратиться по адресу:

**г.Душанбе, ул. О.Хайяма 120, Отдел материально-технического обеспечения ИА ЦК ОКПТ.**

**Тел: 224-03-74.**

ОКПТ оставляет за собой право принять все или часть предложения, самая низкая предложенная цена может быть не принята.

***Последний срок подачи предложений: 2 апреля 2012 года, до 10$^{00}$ часов местного времени.***

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Амирхонов Сафаралӣ Сироҷович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0146270 бо РЯМ 0330100843 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, воқеъ дар кӯчаи К.Цеткина, хонаи 42, утоқи 35, 11 ноябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Мирзо 2003», дорои Шаҳодатномаи №0054322 бо РЯМ 3210001108, воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, деҳоти Н.Хусрав, кӯчаи Ленин, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Ёров Бузургмеҳр Равшанович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0230022073 ва РМА 025184102 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Маркази муҳандисӣ –машваратии рушди Тоҷикистон», бо РЯМ 0410001121, воқеъ дар ш.Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Нерӯи Нав» бо РЯМ 0310003119, РМА 030015587, воқеъ дар суроғаи кӯчаи Н.Қарабоев 78/2, ҳуҷраи 25, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ТАСҲЕҲ

Санаи баргузории музояда оид ба фурӯш гузоштани манзили истиқоматии дар нишонии: шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 89, ҳуҷраи 21 ҷойгиршуда, ки қаблан аз ҷониби иҷрочии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соати 10$^{00}$ 23 марти соли 2012 эълон шуда, дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №19 аз 16 феврал чоп шуда буд, соати 10$^{00}$ 27 марти соли 2012 хонда шавад.

## Эътибор надорад

Шаҳодатномаи №0008359 ба дипломи силсилаи ДМА №000369-и гумшуда, ки онро Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон 1 августи соли 2011 ба Ибрагимова Махбуба Ахмадулоевна додааст, эътибор надорад.

Дипломи силсилаи СТ-I №377277-и гумшуда, ки онро Техникуми сохтмони ш.Душанбе 7 июли соли 1994 ба Розиқов Хурсанд Икромович додааст, эътибор надорад.

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи 3-юми нотариалии давлатии ш.Душанбе таҳти феҳрасти 8Д3-338 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Ҷ.Расулов, бинои 67/7, ҳуҷраи 53, 19 январи соли 1993 ба Тошева Ҳидоят Ҳайдаровна додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯии №0601-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2006 ба Файзалов Шарофиддин Назаралиевич додааст, эътибор надорад.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 24 феврали соли 2012, соати 15.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха*

*Навбатдори шумора Абдулмаҷид Муродов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова